**Суханронии**
**директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷ.М. дар маросими ифтитоҳи «Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбарикунанда ва болаёқат»**
**(21 феврали соли 2022, соати $14^{00}$ )**

**Ҷойи баргузорӣ:** Толори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳозирини арҷманд!

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини фаъолияти худ ба ҳайси сарвари давлат ба бонувон ҳамчун ба қишри асосии ҷомеа такя намуда, ҷиҳати тақвияти саҳми онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии кишвар тавассути тарбияи кадрҳои баландихтисос аз ҳисоби бонувони лаёқатманд ва фаъолу ташабускор ва ҷалби онҳо барои фаъолият дар ташкилотҳо ва мақомоти давлатӣ, аз ҷумла таъин ба мансабҳои роҳбарикунанда мунтазам таъкид намуда, масъалаи мазкурро дар меҳвари сиёсати худ қарор додаанд.

Дар яке аз суханрониҳои худ Президенти кишвар таъкид намудаанд, ки «Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хоса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст. Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, неруи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем».

Дар партави ин сиёсати созанда бо мақсади тақвият бахшидани иштироки бонувон дар кулли соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ силсилаи тадбирҳои муассир роҳандозӣ гардиданд. Вобаста ба иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлат, аз ҷумла, ҷалби занон ба хизмати давлатӣ, қабл аз ҳама, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» нақши муҳим дошта, тибқи он стандартҳои ақали иштироки занон дар идоракунии давлатӣ муқаррар гардида,

барои таҳкими сиёсати гендерӣ дар ишғоли вазифаҳои роҳбарикунанда заминаи устувор гузошт.

Бо мақсади иҷрои фармони мазкур мақомоти давлатӣ ва худидоракунӣ масъалаи ба ҳайати роҳбарикунанда, аз ҷумла, дар вазифаи яке аз муовинони роҳбари мақомоти давлатӣ ва ҷамоатҳо таъин (интихоб) намудани занонро роҳандозӣ ва тақвият бахшиданд.

Бо мақсади ноил шудан ба баробарҳуқуқии воқеии мардон ва занон ва бартараф намудани як қатор монеаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва афкори умум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005, №89 қабул гардид, ки масъалаҳои таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарии ҳуқуқу имкониятҳои мардону занонро ба танзим медарорад.

Минбаъд ҳам, дар ин самт қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, №496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», аз 29 майи соли 2010, №269 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», аз 29 августи соли 2015, №548 «Дар бораи Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», аз 1 апрели соли 2017, №158 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кардҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» ва аз 30 апрели соли 2021, №167 Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ба тасвиб расидаанд, ки ҳамагӣ барои иштироки бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар нигаронида шудаанд.

Ба масъалаи ҷалби занон ба хизмати давлатӣ дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Аз ҷумла, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 қайд гардид, ки занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла хизмати давлатӣ, илму маориф, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона хизмат мекунанд.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд аз ҷониби Пешвои миллат оид ба таҳияи «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030» ва дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани он дастур дода шуд.

Ҳамзамон силсилаи чорабиниҳо ҷиҳати амалигардонии Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занон ва духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022», дигар санадҳои барномавӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ дар давоми солҳои 2017-2022 марҳила ба марҳила ба нақша гирифта шуда, тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардидаанд.

Мувофиқи банди 2.1 Барномаи мазкур Агентии хизмати давлатӣ ҳар семоҳа ҳисоботи омори соҳаи хизмати давлатиро дархост, таҳлил ва ҷамъбаст намуда, дар доираи он мониторинги арзёбии татбиқи сиёсати гендериро дар соҳаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ гузаронида, натиҷаҳои дахлдори он мавриди чораҷӯӣ қарор дода мешавад.

Мувофиқи таҳлили охирини соҳаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба ҳолати 1 январи соли 2022 аз 18701 нафар хизматчиёни давлатие, ки амалан фаъолият доранд, 4518 нафар ё 24,1 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Теъдоди занон дар мансабҳои сиёсӣ-11 (соли 2021-11) нафар, мансабҳои категорияи олӣ-89 (соли 2021-93) нафар, мансабҳои категорияи якум-73 (соли 2021-73) нафар, мансабҳои категорияи дуюм-108 (соли 2021- 107) нафар, мансабҳои категорияи сеюм-584 (соли 2021-572) нафар, мансабҳои категорияи чорум-370 (соли

2021-368) нафар, мансабҳои категорияи панҷум-1160 (соли 2021-1145) нафар, мансабҳои категорияи шашум-1221 (соли 2021-1208) нафар, мансабҳои категорияи ҳафтум-902 (соли 2021-908) нафарро ташкил медиҳад.

Кадрҳои роҳбарикунанда, ки дар мансабҳои сиёсӣ, категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум фаъолият мекунанд, 5764 нафар (30,8 фоиз)-ро ташкил дода, аз ин шумора 1113 нафар (19,3 фоиз) занон мебошанд.

Дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 12060 нафар, аз ҷумла, 2942 нафар (24,4 фоиз) занон фаъолият дошта, аз 3193 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 549 нафар (17,9 фоиз) занони роҳбар мебошанд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ теъдоди хизматчиёни давлатӣ 3560 нафар, аз ҷумла, 989 нафар (27,7 фоиз) занон буда, ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1447 нафар, аз ҷумла, 317 нафар (21,9 фоиз)-ро занон ташкил медиҳанд.

Теъдоди хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 3081 нафар, аз ҷумла, 587 нафар (19,0 фоиз)-ро занон ташкил дода, дар мансабҳои роҳбарикунанда 1124 нафар аз ҷумла, 247 нафар (21,9 фоиз) занон фаъолият доранд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2022 теъдоди занон 4518 нафар (24,1 фоиз)-ро ташкил дода, ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 33 нафар ва шумораи занҳои роҳбарикунанда 15 нафар афзоиш дода шудааст.

Теъдоди занон дар Кумитаи кор бо занон ва оила 81,8 фоиз, Саридораи бойгонӣ 70,0 фоиз, Хадамоти алоқа 63,4 фоиз, Суди конститутсионӣ 56,2 фоиз, Вазорати адлия 55,6 фоиз, дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 48,1 фоиз, Вазорати мудофиа (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ) 44,0 фоиз, Кумитаи забон ва истилоҳот 42,8 фоиз, Прокуратураи генералӣ (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ) 41,2 фоиз, Кумитаи телевизион ва радио 40,7 фоиз, Агентии омор 40,0 фоиз, Вазорати маориф ва илм 36,5 фоиз, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 36,4 фоиз, Агентии хизмати давлатӣ 35,7 фоиз, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ 33,3 фоиз, Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ 33,3 фоиз, Саридораи геология 29,9 фоиз, Кумитаи рушди сайёҳӣ 29,0 фоиз, Вазорати кишоварзӣ 29,0 фоиз, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 28,9 фоиз, Дастгоҳи Суди Олии

иқтисодӣ 28,8 фоиз, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш 27,1 фоиз, Вазорати молия 26,7 фоиз, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 26,3 фоиз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 50,0 фоиз, Хуҷанд 43, 6 фоиз, Бӯстон 42,4 фоиз, Шуғнон 41,7 фоиз, Истиқлол 40,9 фоиз, Норак 40,7 фоиз, Гулистон 40,0 фоиз, Рушон 38,7 фоиз, Исфара 38,1 фоиз, Бобоҷон Ғафуров 37,8 фоиз, Конибодом 37,7 фоиз, Роштқалъа 34,8 фоиз, вилояти Суғд 33,8 фоиз, Спитамен 33,3 фоиз, Левакант 33,3 фоиз, Бохтар 32,6 фоиз, Мурғоб 31,3 фоиз, Фирдавсӣ 30,1 фоиз, Ашт 30,0 фоиз, Дарвоз 29,1 фоиз, Шаҳринав 27,4 фоиз, Душанбе 27,1 фоиз, Истаравшан 27,0 фоиз, Айнӣ 26,8 фоиз, Шамсиддини Шоҳин 25,9 фоиз, Ҳисор 25,3 фоиз, Кушониён 25,2 фоизро ташкил медиҳанд.

Яке аз роҳҳои қабули бонувон ба хизмати давлатӣ озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ ба шумор меравад. Дар соли 2021 кормандони дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ дар 421 ҷаласаи комиссияҳои озмуни мақомоти давлатӣ иштирок намуданд.

Дар ин давра ҷиҳати ишғоли 4318 (соли 2020-4091) мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон гардида, ба 3446 (соли 2020-3435) мансаби холӣ бо иштироки 7283 нафар, аз он зан-1357 нафар ё 18,6 фоиз (соли 2020-6833, зан-1319 нафар ё 19,3 фоиз) довталаб озмун гузаронида шуда, 3061 нафар, аз он зан-743 нафар ё 24,2 фоиз (соли 2020-2538, зан-637 нафар ё 25,1 фоиз) довталабон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд.

Аз 3061 нафари ба мансабҳо таъингардида 2113 (зан-436) нафар ҷавонони то 35-сола мебошанд.

Ҳамчунин мувофиқи талаботи банди 37 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647) барои заноне, ки бори аввал ба хизмати давлатӣ дохил мешаванд, ҳамчун имтиёз се холи илова пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи меъёри мазкур дар соли 2021 176 нафар аз ҳисоби занон ба хизмати давлатӣ қабул карда шуданд.

Дар як вақт тибқи тавсияҳои комиссияҳои аттестатсионии мақомоти давлатӣ дар ин давра 19 нафар занон ба мансабҳои баландтар тавсия шудаанд.

Дар соли 2021 аз ҳисоби ҳайати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ 19 нафар занон ба мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ таъин карда шудаанд.

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҳолати кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатии мақомоти давлатӣ ҳамасола аз ҷамъбасти кор мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешавад.

Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ барои соли 2022 ҳамагӣ 2757 нафар ба захираи кадрҳо ворид карда шудаанд, ки 684 нафар ё 24,8 фоизи онҳоро бонувон ташкил додаанд. Аз ҷумла, ҳиссаи занони ба захира воридшуда дар мансабҳои сиёсӣ 46 нафар ё 22,3 фоиз, категорияи олӣ 211 нафар ё 25,5 фоиз, категорияи якум 131 нафар ё 16,8 фоиз, категорияи дуюм 73 нафар ё 23,3 фоиз, категорияи сеюм 251 нафар ё 30,9 фоиз мебошад.

Бо мақсади таъмини ҳадафҳои Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022 ва Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 барои баланд бардоштани рақобатпазирии занҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ, мусоидат намудан дар болоравии маҳорату малакаи касбӣ ва донишҳои ҳуқуқии занон, тарбияи ахлоқӣ ва ватанпарастии онҳо ва ба ин восила тайёр намудани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон барои мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар соли 2021 бо мақсади тақвият додани дониш, малака ва маҳорати хизматчиёни давлатӣ аз ҷумла, занону духтарон дар 4 курси азнавтайёркунӣ, 2 курси таҷрибаомӯзӣ, 33 курси такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ташкил карда шуда, ба онҳо 1972 хизматчиёни давлатӣ ҷалб гардиданд. Аз ин теъдод 574 нафар ё 29,1 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Дар соли 2021 вобаста ба масъалаҳои занон 3 курси махсуси такмили ихтисоси зерин ташкил карда шуданд:

-барои занони роҳбар ва дар захираи кадрҳобудаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз рӯи барномаи «Менеҷменти нави давлатӣ ва сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 то 30 январ бо фарогирии 58 нафар бонувон;

-барои мутахассисони шуъба (бахш)-ҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру

ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи барномаи «Ҷанбаҳои гендерии таъмини ҳуқуқи инсон дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 то 29 октябр бо фарогирии 24 нафар бонувон;

-барои мутахассисони шуъба (бахш)-ҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз рӯи барномаи «Ҷанбаҳои гендерии таъмини ҳуқуқи инсон дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 то 11 ноябр бо фарогирии 24 нафар бонувон.

Бо мақсади таҳкими донишҳои хизматчиёни давлатӣ вобаста ба масъалаҳои гендерӣ барои шунавандагони дигар курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос дар баробари дигар мавзӯъҳои умумӣ, ҳуқуқӣ ва соҳавӣ омӯзиши мавзӯъҳои зерин роҳандозӣ гардид:

-«Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №682»;

-«Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801»;

-«Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023, аз 3 майи соли 2014, №294»;

-«Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022, аз 1 апрели соли 2017, №158»

-«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2003, №954 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»;

-«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, №89 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ғайраҳо гузаронида шуданд.

Дар баробари ин, бо назардошти пешниҳодоти мақомоти давлатӣ, таҳлили санадҳои барномавӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, ки дар онҳо омӯзиши хизматчиёни давлатӣ пешбинӣ гардидааст, номгӯи курсҳо ва категорияи шунавандагон барои таҳияи лоиҳаи Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои соли 2022, инчунин номгӯи мавзӯъҳо барои истифода дар таҳияи барномаҳои таълимии курсҳои мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ таҳия гардида, аз 26 ноябри соли 2021, №05-2775 ва аз 10 декабри соли 2021, №05-2877 ба Академияи идоракунии давлатӣ ирсол карда шуд.

Мувофиқи он дар соли 2022 3 курси такмили ихтисос барои занони роҳбар ва дар захираи кадрҳобудаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз рӯи барномаи «Идоракунии давлатӣ дар замони муосир» бо фарогирии 50 нафар бонувон, барои мутахассисони шуъбаҳо (бахш)-ҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, шаҳри Душанбе, ноҳияҳои он ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯи барномаи «Пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо фарогирии 50 нафар бонувон ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин бо мувофиқаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи намунавии машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соли 2021 таҳия, тасдиқ ва барои корбарии минбаъда аз 13 январи соли 2021, №04-171 ба мақомоти давлатӣ ирсол гардид.

Дар ин давра дар мақомоти давлатӣ машғулиятҳои идоравӣ баргузор гардида, дар радифи дигар мавзӯъҳои муҳими соҳавӣ мавзӯъҳои «Омӯзиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо», «Шарҳи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» ва ғайраҳо бо ҷалби мутахассисони варзида, олимони соҳа аз муассисаҳои таълимию таҳқиқотӣ баргузор карда шуданд.

Ҳамчунин лоиҳаи Нақшаи намунавии машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соли 2022 аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ таҳия гардида, баъд аз мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2022, №04-77 ба мақомоти давлатӣ ҷиҳати таъмини иҷро ирсол карда шуд.

Дар асоси Нақшаи мазкур дар моҳи апрели соли 2022 дар мақомоти давлатӣ омӯзиши «Шарҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавӣ оид ба баробарии гендерӣ» пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи солҳои 2019-2021 бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2017, №158 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» дар доираи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ бо Бунёди Ҳаннс Зайдел курси омӯзишии дуалӣ барои тайёр кардани ҳайати роҳбарикунанда аз ҳисоби занони фаъолу лаёқатманди то 40-сола-хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо роҳандозӣ карда шуда, ба онҳо 129 нафар (аз ҷумла 31 нафар хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот) ҷалб гардида, курси омӯзишии мазкурро хатм намуданд.

Аз ҷумла дар соли 2021 74 нафар духтарони лаёқатманди ВМКБ, вилояти Суғд, шаҳри Душанбе ноҳияҳои он ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба курсҳои омӯзишии дуалӣ ҷалб гардида, онро хатм намуданд.

Ба курсҳои зикргардида ба ҳайси лектор мутахассисони варзида аз мақомоти қонунгузор, судӣ, иҷроияи марказӣ ва марказҳои таълимию таҳқиқотӣ барои гузаронидани машғулият даъват карда шуданд.

Ба шунавандагони курсҳои мазкур баъд аз супоридани имтиҳонҳо шаҳодатномаи хатм супорида шуда, инчунин аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ китоби рӯимизии хизматчии давлатӣ «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ» дастрас гардид.

Дар соли 2022 низ ташкли курсҳои мазкур барои занони фаъолу лаёқатманд ба нақша гирифта шудааст.

Сиёсати давлатии кадрҳо бевосита ба масъалаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, истифодаи самараноки кадрҳо алоқамандӣ дошта, дар шароити муосир дар таъсиси механизми муносиби идоракунии ҳайати кормандон дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисод аҳамияти хоса пайдо намудааст.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ ва Бунёди Ҳаннс Зайдел давоми солҳои 2010-2020 магистратураи яксолаи Академияи идоракунии

давлатиро 744 (зан-210) нафар хизматчиёни давлатӣ бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» хатм намудаанд.

Аз он хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ 386 (зан-100) нафар ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 358 (зан-110) нафарро ташкил дода, 51 (зан-16) нафари онҳо кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошанд.

Аз теъдоди 744 нафар 368 (зан-104) нафар ё 49,4 фоизи хатмкардагони магистратура ба болоравии мансабӣ ноил гардидаанд.

Соли 2021 боз 76 (зан-24) нафар хизматчиёни давлатӣ магистратураи мазкурро хатм намуданд.

Ҳамчунин дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Академияи идоракунии давлатӣ барои қабули хизматчиёни давлатӣ ба магистратура бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» (бо дастгирии Бунёди Ҳаннс Зайдел) ва магистратураи яксолаи «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» бо ихтисосҳои «Идоракунии давлатӣ» ва «Сиёсати берунӣ ва дипломатия» барои соли 2022 тадбирҳои мушаххас андешида шуданд.

Дар натиҷа ба магистратура (бо дастгирии Бунёди Ҳаннс Зайдел) 60 нафар ва ба магистратураи «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» 45 нафар қабул гардида, аз моҳи январи соли 2022 таҳсили онҳо оғоз ёфт.

Инчунин дар доираи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ ва Бунёди мазкур аз соли 2020 барои хизматчиёни давлатӣ магистратураи дусола (таҳсил дар баробари фаъолияти корӣ) бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ташкил карда шуда, дар он 51 (зан-9) нафар хизматчиёни давлатӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Соли 2021 бошад, ба магистратураи мазкур боз 64 (зан-13) нафар хизматчиёни давлатӣ аз мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ қабул карда шуда, аз 29 марти соли 2021 таҳсили онҳо оғоз ёфт.

Агентии хизмати давлатӣ бо мақсади тарбияи кадрҳо аз ҳисоби духтарони лаёқатманд ва дорои қобилияти сарварӣ ҳамасола барои ҷалби хизматчиёни давлатӣ ба магистратураҳои макотиби олии дохил ва хориҷи кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Амалияи давлатдории кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки татбиқи самарабахши сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ва

нуфузи он дар назди ҷомеа ба салоҳиятнокӣ, донишу малакаи касбии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Яъне дар хизмати давлатӣ чи қадар хизматчиёни давлатӣ дорои донишу малака, маҳорат ва салоҳиятнокии касбӣ бошанд, ҳамон қадар фаъолияти хизматии онҳо самарабахш гардида, рушди ҳаматарафаю бомароми давлат ва ҷомеа таъмин карда мешавад.

Бо назардошти ин, айни замон ҳамкории Агентии хизмати давлатӣ бо мақомот ва муассисаҳои таҳсилотии соҳавии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва мактаби олии идоракунии давлатии Россия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Беларус, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Бонки Ҷаҳонӣ, Маркази ҳамкории байналмилалии Япония (JICE) ва ғайраҳо ҳамаҷониба вусъат меёбад.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии Агентии хизмати давлатӣ солҳои 2009-2021 магистратураи донишгоҳҳои Японияро 8 нафар зан, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистонро 4 нафар, магистратураи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чинро 6 нафар, магистратураи донишгоҳҳои Федератсияи Россияро 4 нафар, магистратураи донишгоҳҳои Кореяро 3 нафар занон бо ихтисосҳою равияҳои гуногуни идоракунӣ хатм намуданд.

Агентии хизмати давлатӣ минбаъд низ иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба роҳбарӣ гирифта, ҷиҳати ҷалби бештари занон ва ҷавонони лаёқатманд ба низоми хизмати давлатӣ зимни баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва татбиқи дигар технологияҳои кадрӣ чораандешӣ хоҳад кард.

Хизмати давлатӣ кори пурмасъулияту пуршараф буда, воқеан ҳам хизмат ба модар ва ба Ватан аст. Умедворем, ки сафҳои хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби духтарони лаёқатманди кишвар дар минбаъда боз ҳам афзоиш ёфта, Маркази омӯзишӣ ва дастгирии занони роҳбарикунанда ва болаёқат дар ин радиф саҳми худро мегузорад.

Сипос аз таваҷҷуҳатон!